**В) Сохибкорзан аз Исфара тавонист самаранокии истехсолотро баланд кунад.**



Соҳибкор Бобоева Майсара аз хурдӣ орзу дошт, ки дар зодгохаш тичорати шахсии худро оғоз кунад ва истехсоли махсулоти нонпазиро дубора эхё кунад. Барои ба орзуи худ расидан, ба ФХДТТ (ХФТУТ) бо ихтисоси мухандис-технолог дохил шуда, онро хатм намуда, ба ЧСК «Нони Исфара» ба кор даромад.

Дар шахри Исфара, дар замони ЧШС Точикистон як корхонаи нон мавчуд буд, ки соли 1933 таъсис ёфта, дар замони истиклолият бинобар вазъи вазнини иктисоди баста шуда буд. Соли 1998 корхона хусуси карда шуда, мохи марти хамон сол ба ЧСК «Нони Исфара» табдил ёфт. Баъди таъсиси ЧСК кормандони ин корхона хамчун сахмдор баромад карданд. Дар он вакт кариб тамоми тачхизот хеле фарсуда, аз кор баромада буд ва хамаи тафдонхо танхо бо ангишт кор мекарданд. Барои баркарор намудани истехсолот тачхизоти нав лозим буд, ки инчунин арзиши аслии махсулоти истехсолшударо арзон мекард.

Хамзамон Бобоева Майсара бо максади азхуд намудани донишхои нав дар машгулиятхо ва семинархои гуногун иштирок намуда, малакахои хосилшударо дар истехсолот ва идоракунӣ истифода мебурд. Хамин тарик, бо дастгирии БАТР(ЕБРР) таъминоти барномавии 1С-бахисобгирии мухосиби чорӣ карда шуд, ки он имкон дод, ки равандхои хисоботи молияви ва идоракунии корхона автомати карда шаванд. Сипас аз WFP барои харид ва насби тачхизоти истехсоли барои нонпази грант дарёфт карда шуд. Охиста-охиста барои таъмини талаботи рузафзуни ахоли зарурати зиёд намудани истехсоли махсулот ба миён омад, ки барои ин чойхои кории иловаги ва тачхизот лозим буд.



Майсара баъди тахлили бозор ба хулоса омад, ки барои сикли пурраи истехсолоти бепартов намудхои махсулотро васеъ намуда, борпечкунии онхоро ба рох мондан лозим аст. Илова бар ин, барои фарогирии ошхонахо ва кахвахонахои махалли нони аллакай буридашуда лозим буд.

Барои ин Майсара ба чустучуи маблаг барои харидани тачхизоти зарури шуруъ кард. Вай дар бораи зерлоихаи БРСММ «Таъмини маблагхои карзии хурд ба сохибкорони хусусӣ ва корхонахои хурду миёна барои

дастгирии стратегияхои зинда мондан ва нигох доштани чойхои корӣ» маълумот гирифт. Тамоми шароитро омӯхта, тасмим гирифт, ки ЧСК «Нони Исфара» ба ФКХ «Хамёри» хуччатхои зарури ва накшаи тичоратиро пешниход намояд. Дар навбати худ аз тарафи кормандони ФКХ «Хамёри» оид ба дуруст тартиб додани накшаи тичорати ва гайра маслихатхо дода шуданд.

Пас аз бомуваффақият гузаштани баходихӣ ва гирифтани карзи имтиёзнок тачхизоти нав харида шуд, ки имкон дод, истехсоли махсулоти нав, аз кабили нони бурида ва бастабанди кардашуда, крекер ва гайра чори карда шавад.




«Ба шарофати ин дастгири намудхои махсулот зиёд карда шуданд. Зиёда аз 8 чойи нави кори таъсис дода шуда, 8 нафар сокинони махаллӣ ба кор кабул карда шуданд. Сифати махсулот бехтар гардид, талабот ба махсулоти истехсолшаванда 30 фоиз афзуд, вакти барои истехсол сарфмешуда низ кам шуд — агар пештар барои буридану бастабандии махсулот 1 руз сарф мешуд, холо хамаги 1 соат вакт сарф мешавад.» — мегуяд Майсара.

ЧСК «Нони Исфара» накша дорад, ки дар оянда ба истифодаи тамгахои когазӣ барои махсулоти худ шурӯъ намуда, бо ин васила махсулотро дар бозори мол шинохта шавад. Хамчунин, Майсара барои истехсоли бетанаффуси махсулоташ дар фасли зимистон тасмим гирифтааст, ки як генератори барки барои истехсоли нерӯи барк харидори кунад. Самти дигари афзалиятнок истехсоли макарон аст, ки холо Майсара бозорро меомӯзад.